# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз «31» 01 соли 2025 № 18/уи ш. Душанбе**

*Дар бораи рад кардани додани унвони илмӣ*

Мутобиқи сархати 18 банди 9 ва сархати 4 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.11.2021, № 270), бандҳои 33, 34, сархати 2 банди 38 ва банди 40 Тартиби додани унвонҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дархости Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур аз 05 октябри соли 2024, №01/1072 «Дар бораи ба Суярова Сарвиноз Ҷумъаевна додани унвони илмии дотсент аз рӯйи ихтисоси Агрономия» бинобар риоя нагардидани талаботи сархати 3 банди 10 Тартиби додани унвонҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва бандҳои 7-11 Дастурамал оид ба тартиби баррасии масъалаҳои додан, маҳрум сохтан ва барқарор намудани унвонҳои илмӣ ва тартиби барасмиятдарории парвандаҳои аттестатсионии довталабони дарёфти унвонҳои илмӣ (қарори Раёсати Комиссия аз 25 майи соли 2017, №2/5) рад карда шавад.
2. Пешниҳоди такрории парвандаи аттестатсионии Суярова Сарвиноз Ҷумъаевна пас аз 1 (як) сол аз санаи ба тасвиб расидани фармоиши мазкур амалӣ карда шавад.
3. И.в. мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои тиббӣ, фарматсевтӣ, биологӣ, байторӣ ва аграрӣ (Шомуродова З.М.) вазифадор карда шавад, ки дар муҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионии довталаб чораҳои зарурӣ андешад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи саркотиби илмии Комиссия Маъруфӣ Р.Н. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2025, №2

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ

Раис Давлатзода С.Х.